Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ

Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ассотсиатсияи Милии хоҷагиҳои деҳқони (фермерӣ) ҶТ

ДАР СОМОНАИ МО МАВОДҲОИ ГУНОГУНИ ФОИДАНОК ЗИЁД АСТ. МАРҲАМАТ БО ТАВРИ РОЙГОН ДАСТРАС НАМОЕД! WWW.AIST.TJ Хизматрасонии барои ҷамъоварӣ ва паҳн намудани маводҳои гуногун дар соҳаи кишоварзӣ ташкил гардидааст ва барои мазмун ва мундариҷаи маводҳо ҷавобгар нест. Аммо, дар ҳолати пайдо шудани хатоҳо ва бо мақсади бартараф намудани онҳо, аз ҳамаи истифодабарандаҳо хоҳиш дорем, ки моро тавассути қуттии электронии мо mail@aist.tj огоҳ намоянд. Қаблан миннатдории хешро баён **намуда ба фаъолияти ҳамаи Шумо баракат орзу дорем**!

# ТЕХНОЛОГИЯИ ПАРВАРИШИ ПОМИДОР



Душанбе – 2011

Дастурамали мазкур дар доираи лоиҳаи кӯмаки техникии Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналхалқӣ (JICA) «Беҳтар намудани хизматрасонӣ дар соҳаи кишоварзӣ тавассути мустаҳкам намудани ташкилотҳои кишоварзӣ дар Тоҷикистон" таҳия ва нашр карда шуд.

**Муаллифон:**
Т. Ахмедов, аъзои вобастаи АИКТ, доктори илмҳои кишоварзӣ
М. Сулангов, корманди калони илмӣ
Б.Б. Сангинов, корманди калони илмӣ

БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj

## ПЕШГУФТОР

Помидор ба оилаи авранҷиҳо (оилаи ангури сагак) дохил мешавад. Ватани помидор Америкаи ҷанубӣ буда, яке аз зироатҳои муҳими сабзавотӣ ба ҳисоб меравад. Меваи он таъму маззаи хуб дошта, аз дигар зироатҳои сабзавотӣ бо тарзи хело васеъ истифода бурданаш фарқ менамояд. Меваи помидор дар аввал сабз буда, дар вақти пухтанаш (вобаста ба навъҳояш) ранги сурх, норинҷӣ, зард ва ғайраро ба худ мегирад. Шакли мевааш низ гуногун буда, бештар шакли мудаввар, дарозрӯя, олумонанд, нокмонанд, қиранок ва дилшаклро дорад. Мувофиқи меъёри истеъмоли зироатхои сабзавотӣ ва картошка, ки онро Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, бояд истеъмоли яксолаи помидор барои як одам 66 кг- ро ташкил дихад.

Дар шароити Тоҷикистон помидор ба ғайр аз Помири Шарқӣ қариб дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ он хело васеъ кишт карда мешавад.

Ноҳияи Файзобод барои парвариши помидори миёнапаз ва дерӣ хело мувофиқ буда, ҳама навъҳои он ниҳоят ҳосили баланду сифати хуб медиҳад.

Растании помидор ба гармӣ ва равшанӣ эҳтиёҷи бениҳоят калон дошта, ба сармо обовар нест. Дар ҳарорати аз $10^0$ С паст фаромадани ҳарорати ҳаво аз наъшунамо мемонад ва дар ҳолати ҳарорати - $1^0$ С ниҳол ва меваи онро сармо мезанад. Помидорро дар ҳама гуна хоке, ки РН (кислотнокиаш) аз 4,5 паст нест, парвариш кардан мумкин аст. Помидор ба ғайр аз оне, ки дар заминҳои кушод дар охирҳои моҳи март аввалу миёнаи моҳи апрель аз тухмаш ҳам дар заминҳои кушод парвариш кардан мумкин аст, инчунин дар гармхонаҳо низ ба таври ниҳол парвариш карда мешавад, ки барои таъмини аҳолӣ бо сабзавоти тару тоза дар фасли зимистону аввали баҳор ва баланд бардоштани сатҳи иқтисодии хоҷагиҳо нақши мӯҳим мебозад. Навъҳои пешпази помидор баъди 95 – 105, навъҳои миёнапаз 110 – 115 ва дерпаз баъди 120 - 125 шабонарӯзи сабзиш мепазад. Вобаста ба навъ, минтақа ва усули парвариш ба 1 га аз 35 то 55 ҳазор ниҳол мешинонанд.

Дар таркиби помидор витаминҳои $B_1$, $B_2$, РР, С, моддаҳои минералӣ, кислотаҳои органикӣ, каротин ва оҳар хело зиёд мебошад. Дар таркиби 100 грамм помидор 4 миллиграмм натрий, 268 миллиграмм калий, 11 миллиграмм калсий, 12 миллиграмм магний, 0,6 миллиграмм оҳан, 0,097 миллиграмм мис, 27 миллиграмм фосфор, 14 миллиграмм сулфур, 40 миллиграмм хлор, 0,189 миллиграмм манган дорад. Помидорро чӣ дар шакли тару тоза (хом) ва чӣ дар шакли пӯхтаю коркардшуда истеъмол мекунанд. Онро ба таври консервонида ва очоронида васеъ истифода мебаранд. Шарбати помидор басо серғизост. Аз помидор шарбат, шакаробҳо, салатҳо, паста, консерваҳо, пудра ва ғайраҳо тайёр менамоянд.

www.aist.tj

## ХУСУСИЯТҲОИ БИОЛОГИИ ПОМИДОР

Помидор зироати гармидӯст буда, тухмии он дар гармии 15 -$18^0$ С хок аз замин неш зада мебароя ниҳоли он дар гармии 24- $26^0$ С рӯзона ва 15 -$18^0$ шабона мӯътадил месабзад. Дар ҳарорати аз + $10^0$ паст, нашъунамои ниҳоли помидор ва дар +$15^0$ гулкунии он қатъ меёбад. Дар сурати то 0-$1^0$ паст шудани ҳарорат ниҳоли помидор нобуд мешавад. Ба нашъунамои ниҳоли помидор ҳарорати баланди ҳаво ҳам таъсири бад мерасонад; ҳангоми баланд шудани ҳарорат (35 - $40^0$ ва аз он зиёд) инкишофи ниҳолҳо кашол ёфта, баъд қатъ мегардад ва гардҳояш қобилияти гарддоркуниро гум мекунад. Барои нашъунамои хуб ва гирифтани ҳосили баланду босифати помидор ҳарорати мӯътадили 25 - $30^0$ С зарур мебошад.

## НАВЪҲОИ ПОМИДОР

Дар шароити ноҳияи водии Ҳисор асосан навъҳои зерини помидор парвариш карда мешаванд: «Подарок», «Ракета», «Файзободии сурх», «Новичок», «Титан», «ТМК- 22», «Волгоградский 5-95», «Дар – Заволжье», «Финиш» Восток-36, Факел ва ғайраҳо. Вале ҳосили хубу баландсифати помидорро дар тобистону тирамоҳ навъи «Файзободии сурх» ва амсоли он таъмин менамояд.

***<u>Навъи «Файзободи сурх</u>»*** Навъи дерпаз буда, аз неш зада баромадани то пухта расидани ҳосили он 120 – 125 рӯзро дар бар мегирад. Ниҳолаш сершоху сербарг мебошад; қади пояи асосиаш 120- 150 см аст. Баргаш сабзи хокистаранги муқарарӣ. Меваааш гирду паҳншакл, рангаш сурх, сатҳаш андак пастию баланди дорад. Меваааш 6,24%- моддаи хушк, 4,13 % қанд,0,39% кислота ва 29,61мг/фоиз витамини С дорад. Ҳосилнокиаш аз ҳар сотих 480-550килограммро ташкил медиҳад.



***<u>Навъи “Волгоградии 5-95”.</u>*** Ин навъ миёна- дерпаз буда, давраи аз баромадани ниҳолҳо то пӯхта расидани ҳосили он 110-120 рӯзро дар бар мегирад. Ин навъи помидор серҳосил мебошад, дар вақти нигоҳубини хуби он то 400-500 кг аз 1 сотих ва аз он ҳам зиёд ҳосил медиҳад. Он ба шароити гармӣ хело тобовар мебошад.



***<u>Навъи «Новичок».</u>*** Давомнокии нашъунамои ниҳолҳо, то пӯхта расидани ин навъ 105 –115 рӯзро ташкил медиҳад. Буттааш детерминантии миёнаи шохдор, миёнабарг, баландиаш 60–80 см мебошад. Гулҳои аввалинаш баъди 6–7 барга гаштани ниҳолҳо пайдо мегарданд. Меваааш дарозрӯяки нафис, вазни миёнаи он 80-85 гр. аст. Рангаш сурх, якбора мепазад, ба кафидан тобовар буда, мазааш хуб аст. Ҳосилнокиаш аз 450 то 550 кг аз 1 сотих ва аз ин ҳам зиёд шуда метавонад



***Навъи «Финиш».*** Навъи дерпазаки миёна буда, аз неш зада баромадани тухмӣ то пӯхта расидани ҳосил 110- 120 рӯз мегузарад. Дар вақти шинондани ниҳолҳо дар майдони кушод то пӯхтани ҳосил 75 –85 рӯз лозим аст. Меваaш лундашакл буда, рангаш сурх, пӯсташ ғафс аст. Вазни миёнаи меваaш 80-100 грамм мебошад. Меваaш якбора мепазад. Ба гармӣ тобовар буда, ҳосилнокиаш аз 400 -500 кг аз як сотих ва аз ин ҳам зиёд буда метавонад.



***Навъи «Дар – Заволжье».*** Навъи миёнапазак буда, пас аз неш зада баромадани ниҳолҳо баъди 100 - 105 рӯз меваaш мепазад. Буттааш детерминантӣ, навдарониаш миёна, миёнабарг, баландиаш 50 - 70 см аст. Гулҳои аввалинаш баъди 6–7 барга гаштани ниҳол пайдо мешаванд. Меваaш гирдшакли ҳамвор, рангаш сурхи норинчӣ, якбора мепазад. Вазни меваaш 75 - 105 гр. аст. Ҳосилнокиаш аз 500 то 900 килограмм аз як сотих мебошад. Ин навъ барои тайёр намудани консерва қуллай аст ва инчунин барои тару тоза истеъмол намудан васеъ истифода бурда мешавад.



**Навъи «Восток -36»** Навъи миёнапази помидор буда, дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ бидуни Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон барои парвариш ва кишт тавсия карда мешавад, самти истифодабарӣ барои тайёр намудани хуриш. Муддати нашуънамояш аз рӯзи неш зада баромадан то пурра пӯхта расидани ҳосилаш ба 110 рӯз баробар мебошад. Бутташ одии пурқувват буда, ҳаҷми миёнаро дорад, баргафшониаш бениҳоят хуб мебошад, дарозии бутташ ба 60 - 65 см рафта мерасад, ранги баргҳояш сабз буда, ҳаҷми миёнаро доранд. Вазни миёнаи меваaш ба 101-118 грамм баробар мебошад. Ҳосилнокиаш 432 – 713 кг/сотихро ташкил менамояд. Таркиби кимиёвиаш: моддаҳои хушк 5,7 – 6,4%,қанд – 2,8 -3,0 %, витамини С -16,6 - 19,8 мг/%, моддаҳои хушк дар таркиби шарбаташ – 4,8 -5,4%, каротин – 12,36 – 19,15 мг/%, умуман маъзаи туршиаш – 0,44 -0,47%. Маззаю таъмаш ба 4,0 - 5,0 балл баробар мебошад.



**Навъи «Новинка Приднестровья»** - Навъи миёнапаз буда, дар ҳудуди ҷумҳурӣ аз соли 1972 барои парвариш ҷорӣ карда шудааст, дар қаламрави ҷумҳурӣ, дар Вилояти Хатлон дар минтақаҳои Қурғонтеппа ва Кӯлоб, ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ ва минтақаи Ҳисор барои парвариш ва кишт тавсия карда мешавад, самти истифодабарӣ барои тайёр намудани консерва. Муддати нашвиаш аз рӯзи неш зада баромадан то пурра пухта расидани ҳосили якумаш 133 рӯзро дарбар мегирад. Меваaш бениҳоят зебо буда, шаклаш силиндрӣ аст, рангаш сурх, ҳамвор, гуштдор мебошад, вазни миёнааш ба 48 грамм баробар мебошад. Мазаю тамъаш дар ҳолати тару тоза буданаш ба 4,0 - 4,2 балл баробар карда шудааст. Ҳосилнокии сифати молиаш ба 470 – 762 с/га рафта мерасад. Навъ ба тамоми касалиҳо тобовар буда, барои интиқол додан аз як ҷо ба ҷои дигар устувор мебошад. Таркиби кимиёвиаш: моддаҳои хушк 5,9 – 6,5%, қанд – 2,7 -3,1 %, витамини С - 9,7 -11,7 мг/%, моддаҳои хушк дар таркиби шарбаташ – 3,8 -5,1%, каротин – 0,45 – 1,20 мг/%, умуман маъзаи туршиаш – 0,32 -0,37%.



**<u>Навъи «Факел» </u>-** Навъи миёнапази буда, дар ҳудуди ҷумҳурӣ аз соли 1979 парвариш карда мешавад. Парвариши он дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ, бидуни Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ ва гурӯҳи ноҳияҳои Рашт барои парвариш тавсия карда мешавад. Самти истифодабарӣ барои тайёр намудани консерва. Муддати нашвиаш аз рӯзи неш зада баромадан то пурра пухта расидани ҳосилаш ба 97 – 120 рӯз баробар мебошад. Бутташ одии пурқувват буда, ҳаҷми миёнаро дорад, баргафшониаш на он қадар хуб мебошад. Дар як буттаи ин навъ аз 5 то 8 мева ба самар мерасад. Баландии бутташ 34 - 56 см баробар буда, диаметраш бошад 30 - 40 см –ро ташкил медиҳад. Баргҳояш ранги сабзу намуди оддӣ дорад, ҳаҷмаш миёна аст. Меваҳояш шакли гирдро доранд, рангашон сурхи ҳамвор мебошанд. Вазни миёнаи мевааш ба 54 -100 грамм баробар мебошад. Ҳосилнокии сифати молиаш ба 467 – 735 кг / сотихро ташкил менамояд. Таркиби кимиёвиаш: моддаҳои хушк 6,1 – 6,2%, қанд умумӣ– 2,8 – 3,0 %, витамини С -19,7 – 20,8 мг/ %, моддаҳои хушк дар таркиби шарбаташ – 4,8 – 5,1%, каротин – 10,44 – 15,51 мг/%, туршиаш – 0,48 - 0,50%. Ба касалию зараррасонҳо тобовар мебошад.



## КИШТГАРДОН

Дар киштгардон помидорро на бояд баъд аз кишти зироатҳои оилаи ангури сагак (картошка, тамоку ва боимҷон, қаламфури тез ва ширин) шинонд, зеро онҳо касалӣ ва зררасонҳои муштарак доранд. Барои аз онҳо эмин доштани помидор ба ин гуна заминҳо танҳо баъд аз се сол бояд помидор шинонид. Дар киштгардон зироатҳои пешкишти хуби помидор ин ғаладонагиҳо, карам, сабзӣ, пиёз, сирпиёз, бодиринг ва зироатҳои полезӣ ба монанди тарбуз, харбуза, каду мебошанд, ки баъд аз ин зироатҳо кишт намудан помидор ҳосили хуб медиҳад.

## ПАРВАРИШИ ПОМИДОР

Помидор дар заминҳои ҳосилхези хокашон сабук, қумзамин ва чуқур ҷойгир будани обҳои зеризаминӣ хуб нашъу намо ёфта, ҳосили баланд медиҳад. Дар заминҳои ботлоқию хокаш вазнин ва наздик ҷойгиршавии обҳои зеризаминӣ нашъунумуи хуб накарда, ҳосилнокии он хело паст мешавад.

Асоси ба даст даровардани ҳосили баланду босифати помидор ин сари вақт ва босифат тайёр намудани замин барои кишт мебошад. Ба замин ҳатман пеш аз шудгор пошидани 30 – 40т/га порӯи органикӣ (дар як сотих бошад 300- 400кг) зарур аст. Аз нуриҳои фосфори бошад 400 кг/га ба монанди аммофос, суперфосфат, нитроаммофос) ё ки онҳоро ба миқдори 4 кг дар 1 сотих, ба замин истифода кардан лозим аст. Барои шинондани ниҳолҳои помидор ва бо усули тухмӣ коридани он агар заминро аз тирамоҳ тайёр намуда, хатакҳоро тирамоҳ ё баҳорон кашидан мувофиқи мақсад буда, ин асоси ба даст овардани ҳосили баландубосифати помидор ба шумор меравад.



Тайёр кардани замин барои парвариши помидор

## ПАРВАРИШ ВА ТАЙЁР НАМУДАНИ НИҲОЛИ ПОМИДОР

Яке аз омилҳои асосӣ дар парвариши помидор, ин тайёр намудан ва гузаронидани кишти босифати он дар заминҳои кушод мебошад. Барои ҳамин дар шароити ҷумҳурӣ помидорро асосан бо тариқи шинондани ниҳол (кӯчат) парвариш карда мешавад. Ниҳоли помидор дар гармхонаҳо ва парникҳо парвариш карда мешавад.

## ТАЙЁР НАМУДАНИ ГАРМХОНА ВА ПАРНИК (ПАРВАРДАХОНА)

Барои он, ки кӯчати хушсифат парвариш карда шавад, пеш аз ҳама бояд гармхона ё парник (парвардахона)- ро бо сифати хуб омода бояд кард. Дар ин маврид якчанд усули тайёр кардани хок мавҷуд мебошад. Барои парвариш кардани кӯчат ба таркиби хок порӯи пусида ва хоки саҳроӣ ё қабати гумумсдори замин зарур аст. Дар дохили замин бояд 15%- и хоки барои парвариши кӯчат тайёр намударо ташкил диҳад. Хоки таҳрангро барои кӯчат аз таркибҳои зерин метавон тайёр кард: хоки саҳроӣ - 40%, порӯи пӯсида – 30%, пасмондаҳои алафӣ – 20% ва 10% қум. Гармхонаҳо - яке аз маъмултарин шаклҳои сохтмонианд. Онхо ду навъ мешаванд: оддӣ ва бо гармдиҳии биологӣ. Гармхонаҳои дорои гармдиҳии биологӣ аз чиҳати сохт хеле оддианд.




Парники (парвардахонаи) оддӣ бо усули биологӣ

Дар парникҳои оддӣ асосан поруи нав барои таъмини гармӣ дар ҳаҷми 50-60 см, перегной ё хоки саҳроӣ 15 – 20 см лозим мебошад, ки он дар расм нишондода шудааст. Дар чунин парник бояд 20 м ва бараш бошад 1,5 м бошад. Дар ҳар метри мурабаи он 400 -500 бех ниҳоли стандартии помидорро парвариш кардан мумкин аст.




Парвариши ниҳолҳо дар гармхонаи тунелӣ




Парники офтобӣ, намуд ва ниҳоли стандартии тайёри помидор барои шинондан ба замин



Парвариши ниҳолҳо дар гармхона

Парник ва гармхона бояд ба дарозӣ аз самти шарқ ба самти ғарб ҷойгир шавад, ки дар ин ҳолат шӯъои гармии офтоб аз пагоҳӣ то бегоҳӣ ба онҳо мунтазам мерасад.

Истифодаи гармхонаи офтоби ва сохтани он барои парвариши ниҳоли помидор аз ҳама намуди паҳншудатарин дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ҳар як фермер метавонад онро аз сими 6- 8 мм, чӯб, плёнкаи полиэтиленӣ тайёр намояд ва бо хароҷотҳои кам ниҳоли помидоро парвариш кунад.

**Гармхона** – хусусиятҳои хоси худро дорад, ки ба онҳо бояд диққати ҷиддӣ дод. Дарозии гармхонаҳо метавонанд мухталиф (гуногун) бошанд, аммо мӯҳлати чуқурии он бояд аз мӯҳлати истифодабариаш вобаста бошад. Аввали баҳорон, барои он, ки замин гарм шавад, онро бояд бо плёнка пӯшонид. Қолаби туннел аз симҳои (химча, меҳвар) оҳанин ба шакли камонқадшудаи андозаашон 4-6 мм тайёр карда шаванд. Ин қолаб бо плёнкаи васеъгиаш 1,5 – 2 м рӯйпуш карда мешавад. Як гӯшаи плёнкаро бо хок пӯшонида, гӯшаи дигарашро бо рейкаи чӯбин маҳкам мекунанд. Барои шамол додани гармхона як гӯшаи плёнкаро бардошта мемонанд.

## ТАЙЁР НАМУДАНИ ТУХМӢ БАРОИ КИШТ

Ҳосилнокии помидор аз сифатнокии тухмӣ вобастагии калон дорад. Дар ин хусус зарбулмасале ҳам аст, ки мегӯянд: «Ҳарчӣ коштӣ, ҳамон бидравӣ»! Барои санҷидани сифати тухмии барои кишт мувофиқ онро дар маҳлули 3-4 % намаки ошӣ ҷо дода, хуб омехта бояд кард. Баъд аз 5-7 дақиқа тухмиҳои рӯи об баромадаро гирифта мепартоянд бо сабаби барои кишт номувофиқ буданашон. Тухмиҳои боқимондаро ҳатман бо оби тоза шӯстан лозим аст, чунки хурдтарин зарраи намак боиси паст ва суст гаштани сабзиши тухмӣ мегардад. Барои нест кардани касалиҳои ба воситаи тухмии паҳн мешудагӣ, тухмиро дар маҳлули 0,5 -1%-и перманганти калии ($KMnO_4$) (марганцовка) ба муддати 25- 30 дақика нигоҳ дошта, баъд онро дар оби равон, то соф шудани оби он шуста баъд онҳоро хушк коридан лозим мебошад. Барои муайян кардани қобилияти сабзиши тухмӣ чунин корро ба анҷом расонидан лозим аст. Ба лаълича рӯймолчаи коғазиро гузошта, ба болояш зиёда аз 20 дона тухмиро (то 100 дона) дақиқ шуморида, мегузорем. Барои зудтар неш задани тухмиҳо рӯймолчаро тар кардан ҳатмист. Барои боз ҳам хубтар нам шудани тухмиҳо, рӯи онҳоро боз бо чунин рӯймолчаи тар мепӯшонанд. Тухмиҳоро ҳамин тавр ҷо додан лозим аст, ки ба якдигар начаспанд. Агар ҳатто як дона тухмии ба ҳам часпида неш назанад, тухмиҳои боқимонда низ метавонанд насабзанд. Тухмиҳоро ба ҷои гарму торик, ба муддати 5-8 рӯз мегузоранд. Баъд аз гузаштани 5-8 рӯз тухмихо бояд неш зананд. Ба воситаи шуморидани тухмиҳои нешзада фоизи умумии неш задани тухмиҳоро муайян кардан мумкин аст. Ҳар вақт нами мӯътадили дохили лаъличаҳоро таъмин карда и стодан ҳатмӣ мебошад.

БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj

## КИШТИ ТУХМӢ, ПАРВАРИШ ВА НИГОҲУБИНИ НИҲОЛҲО

**Дар 1 грамм аз 250 то 300 дона тухмии помидор вобаста ба навъи он мавҷуд мебошад. Дар 1 метри квадратӣ= 8-10 грамм, яъне 2500 – 3000 дона тухмӣ кишт карда мешавад.**

Барои дар мӯҳлатҳои муайян ва хуб сабзидани тухмӣ дар гармхона ҳарорати гармии ҳаво бояд рӯзона 22 - 23 дараҷа ва шабона 16 - 18 дараҷа бошад. Бо баробари неш задани майсаҳо ҳароратро рӯзона ба 17-18 дараҷа ва шабона бошад, то ба 12-14 дараҷа фаровардан лозим аст. Кӯчатҳоро мӯътадил, вобаста ба хушк шудани хок обёрӣ мекунанд. Баъд аз обёрӣ, гармхонаро хуб шамол додан лозим аст.

Парвардае, ки дар намнокии мӯътадил ва ҳарорати пасттар парвариш карда шудааст, дар замини кушод хуб месабзад, дорои системаи инкишофёфтаи реша буда, ба хунукӣ ва хушкӣ тобовартар мегардад. Тобоварии парвардаро ҳанӯз 10-12 рӯз пеш аз ба замини кушод шинондани кӯчат таъмин кардан оғоз мегардад. Аввал гармхонаро танҳо рӯзона мекушоянд. Сипас, пеш аз 3-5 рӯз гармхонаро хам рӯзона ва ҳам шабона кушода мемонанд, то ки парварда ба шароити ҳавои кушод мутобиқ шавад.

## ТАЙЁР НАМУДАНИ ЗАМИН БАРОИ ШИНОНИДАНИ НИҲОЛИ ПОМИДОР

Агротехникаи парвариши помидор асосан аз киштгардон, шудгори босифати замин, сари вакт парвариш ва шинондани ниҳолҳо, нигоҳубини растаниҳо, коркарди байни қаторҳои он, нест кардани алафҳои бегона ва мубориза бар зидди ҳашаротҳои зараррасон ва касалиҳо, обёрии саривақтӣ, ғунучини ҳосил, ба фурӯш баровардани он ва ғайраҳо мебошад.

Ниҳоли помидоро аз рӯи нақшаи ( схемаи) 70 x 30 см ё 60 x 30 см, аз рӯи ғунҷоиши 47- 55 ҳазор ниҳол дар як гектар замин, ё ки 120 x 60 x 30 см (дуқатора) мешинонанд.

Коркарди якуми байни қаторҳои помидорро баъди 10-12 рӯзи шинондани ниҳолҳо гузаронидан лозим аст. Байни қаторҳо ва бехи ниҳолҳоро дар чукурии 8-10 см ба воситаи каланд нарм намуда, хокро ба бехи ниҳолҳо кашидан зарур мебошад. Баъди 2-3 ҳафта коркарди дуюмро дар чуқурии 12-16 см гузаронидан лозим мешавад. Коркарди сеюмро дар вақти ҳосилбандии ниҳолҳо гузаронидан, хокро ба назди буттаи он кашидан иборат аст. Дар давраи саршавии ҳосилбандии ниҳолҳо, помидорро ба пушта гузаронида, об додан ва минбаъд гузаронидани коркарди байни қаторҳо мақсаднок мебошад. Ба киштзори помидор 2-4 маротиба ғизодиҳиро аз нуриҳои нитрогенӣ ва фосфордору калийдор ташкил намудан лозим аст.

Ғизодиҳии аввалро дар вақти 10-12 рӯз гузаштан аз рӯзи шинонидани ниҳолҳо, ба миқдори 1-1,5 кг/сотих нуриҳои азотӣ (селитра, карбамид ва суперфосфат ё ин ки аммофос) андохтан мумкин аст.

Дар вақти пайдо шудани гулкунӣ- пайдошавии меваҳои помидор, ғизодиҳии дуюмро аз ҳисоби 1-1,5 килограмми селитра ва аммофосу калий дар як сотихи замин ва инчунин дар вақти пӯхта расидани ҳосили помидор бо сарфи 1-1,5 кг селитраи нитрогенӣ ва аммофос дар 1 сотих замин ва охирин баъди ғунучини 4-5-уми ҳосил, низ ба ҳамин меъёр додан тавсия карда мешавад.

Помидор ба намнокии замин эҳтиёҷи калон дорад. Обмонии ниҳолҳои помидорро бояд аз вақти шинондани ниҳолҳо сар карда, оби якӯми онро додан зарур

аст, то ин ки ниҳолҳо ба замин часпида амал кунанд. Помидорро дар давоми нашъунамояш вобаста ба шароити хоку иқлим на камтар 12-18 маротиба об додан зарур аст.

Дар вақти пӯхта расидани ҳосил помидор баъди ҳар 3- 4 рӯз дар фасли тобистон чидан лозим аст. Дар хунукиҳои тирамоҳ суръати пухтани он суст мешавад, барои ҳамин чидани онро баъди ҳар 7-10 рӯз бояд гузаронид.



Намуди майдони помидорзор

## ТУХМИПАРВАРИИ ПОМИДОР

Барои гирифтани тухмии хушсифати помидор пеш аз ҳама ниҳолҳои серҳосилро интихоб намудан лозим аст. Барои гирифтани тухмӣ аз ҳосили чиниши меваҳои дуюм ва сеюми ниҳолҳо истифода бурда мешавад. Аз ин лиҳоз ҳосили ниҳолҳои помидорро то пурра пӯхта расиданашон бояд нигоҳ дошт, то ин ки тухмии онҳо сифатан пурра пӯхта расад. Чидани меваҳои тухмиро ду – се маротиба гузаронидан лозим аст. Баъди чидани ҳосил онро дар об шӯста, хушк намудан лозим мебошад. Меваҳоро дар зарфи шишагин ё ин ки сафолин ҷой кардан мақсаднок аст. Дар ин кор истифодабарии зарфи алюминӣ низ тавсия дода мешавад.

Бо корд меваи помидорро чор тақсим намуда, тухмии меваҳоро дар зарфҳо андохтан лозим мешавад. Ба он зарф набояд об ҳамроҳ кард. Он бояд бо оби помидор дар ҷои гарм ё офтоб ду – се рӯз нигоҳ дошта шавад. Тухмӣ ҳамон вақт тайёр мешавад, ки оби он соф гашта, тухмҳо дар таги зарф ҷойгир шуда бошанд. Баъд аз ин тухмиро дар оби равон тоза шустан лозим аст. Дар вақти шустан тухмҳои пуч рӯи об мебарояд, ки онҳоро бояд партофт. Тухмиҳоро хушк намуда, дар дохили халтачаҳои матоъгӣ нигоҳ бояд дошт.

Аз 100 кг меваи помидор мумкин аст, ки 300 – 400 грамм ва аз 1 тоннаи мева то 3 – 4 кг тухмӣ гирифтан мумкин аст. Тухмии помидорро то се – чор сол нигоҳ медоранд. Дар ин муддат қобилияти сабзиши худро онҳо нигоҳ медоранд. Тухмӣ ҳатман бояд дар ҷойҳои намнокиашон паст ва хубтар дар халта ба мех дар ҳолати овезонӣ нигоҳ дошат шавад. Дар давраи нигоҳдорӣ муҳофизати тухмиро аз ҳашароту хояндаҳо ба инобат гирифтан зарур аст.

## КАСАЛИҲОИ ПОМИДОР

Дар давраи наъшунамои худ помидор ба касалиҳои гуногуни касалиҳои замбуруғӣ, ба монанди фитофториоз, макроспориоз, бурая пятнистост, вилт ва дигарҳо; касалиҳои вирусӣ ба монанди столбур, мазайка, қарасон (стрик) ва дигарҳо дучор шуда, боиси кам ва нест шудани ҳосили он мегардад.

**Фитофтороз (пӯсиши сиёҳ).** Ин касалии занбурӯғи буда, ба мева, барг ва танаи ниҳолҳо осеби сахт мерасонад. Ин намуди касалӣ дар боришот ва паст фаромадани ҳарорати ҳаво, инчунин зиёд шудани намӣ, бисёртар мешавад ва намнокии зиёд шароити мусоидест, барои пайдошавии ин касалӣ. Аввал дар қисми поёнии баргҳо доғҳои хурди сафедтоб пайдо мешавад. Баъд ин доғҳо сафед гашта, ранги сафедчатобро ба худ ба пуррагӣ мегиранд. Ҳангоми хуруҷи ин касалӣ ниҳоли помидор хушк ва нобуд мешавад. Дар танаи ниҳол, доғҳои сиёҳча пайдо шуда, баъд мулоим гашта, мепӯсад.

Барои нест кардани ин касалӣ чунин чораҳоро гузаронидан лозим аст:

- ✓ Бо роҳ мондани системаи киштгардон;
- ✓ Нест ва нобуд кардани танаю пояи растаниҳо аз замин;
- ✓ Безарар кардани тухмӣ пеш аз кишт (истифодаи Маргансовка $KMnO_4$ -1%, ТМТД- 6-8 грамм дар 1кг тухмӣ);
- ✓ Истидафодабурдани Фунгитсиди Ридомил- Голд МЦ-60, бо маҳлули 0,2% -а (20 гр, дар 10л об барои як сотих).

**Сияҳпоя. ( Черная ножка).** Ин касалӣ асосан ниҳолҳои ҷавонро нобуд месозад. Беху пояи растанӣ тунук шуда, мепӯсад. Ин касалии занбуруғӣ асосан дар хок ва боқимондаҳои растаниҳо, ба воситаи тухмӣ паҳн мегардад. Барои нест кардани ин касалӣ чунин чораҳоро гузаронидан зарур аст;

- ✓ Ба роҳ мондани системаи киштгардон;
- ✓ Нест ва нобуд кардани танаю пояи растаниҳо аз замин;
- ✓ Безарар кардани тухмӣ пеш аз кишт (истифодаи Маргансовка $KMnO_4$ -1%), ТМТД- 6-8 грамм дар 1кг тухмӣ);
- ✓ Истидафодаи Фунгициди Ридомил - Голд МЦ-60, бо маҳлули 0,2% (20 гр, дар 10л об барои як сотих);

**Пажмурдашавии фузариозӣ (вилт).** Ин касалии занбуруғӣ ангезандааш фузариум мебошад. Ин занбурӯғ асосан дар хок зиндагӣ карда, аз хок он ба воситаи реша ба рагҳои растанӣ дохил мегардад. Дар ин маврид реша ва рагҳои ғизогузар маҳкам шуда роҳи дохил шави моддаҳои ғизоиро аз реша ба растанӣ манъ мекунад ва боиси хушку нобуд шудани растании помидор мегардад.

Барои нест кардани ин касалӣ гузаронидани чунин чораҳо тавсия карда мешавад:

- ✓ Ба роҳ мондани системаи киштгардон;
- ✓ Нест ва нобуд кардани танаю пояи растаниҳо аз замин;
- ✓ Безарар кардани тухмӣ пеш аз кишт (истифодаи Маргансовка $KMnO_4$ -1%, ТМТД- 6-8 грамм дар 1кг тухмӣ);
- ✓ Истидафодабарии Фунгициди Ридомил-Голд МЦ-60 , бо маҳлули 0,2% (20 гр, дар 10л об барои як сотих).

**Касалии пӯсиши нӯги (болои меваи помидор**. Ин намуди касалӣ қариб, ки дар ҳама мавзеи кишти помидор ба назар мерасад. Нишонаи пайдоиши ин касалӣ дар нуги (болои) меваи помидор пайдоиши доғи ҷигарӣ, ин боиси аввал сахт шудан ва баъдан мулоим шудану, доғҳо бо парда пушонда шудан мебошад. Касалии пӯсиши нуги помидор дар сурати тез тағйир ёфтани намии ҳаво ва замин, инчунин дар сурати аз меъёр зиёд додани нуриҳои нитрогенӣ авҷ мегирад.

Чораҳои мубориза:

- ✓ Киштгардон, бояд помидор дар як замин баъди 3 соли парвариши аввала шинонда шавад;
- ✓ Нест ва нобуд кардани боқимондаи растаниҳо аз замин;
- ✓ Безарар кардани тухмӣ пеш аз кишт (истифодаи Маргансовка $KMnO_4$ -1%, ТМТД- 6-8 грамм дар 1кг тухмӣ);
- ✓ Истидафода бурдани Фунгициди Ридомил-Голд МЦ-60, бо маҳлули 0,2% -а (20 гр, дар 10л об барои як сотих).

**Касалиҳои физиологӣ.** Нишонаҳои касалиҳои физиологии помидор ба нишонаҳои касалиҳои ангезандаашон вирус, занбурӯғӣ ва бактериявӣ, хеле монананд. Фарқ кардани нишонаҳо чӣ ба деҳқонон, чӣ ба мутахассисон хеле душвор аст. Сабаби пайдоиши касалиҳои физиологӣ ин ба растаниҳо нарасиданинитроген, фосфор, калий, моддаҳои маъданӣ, микроэлементҳо ва об мебошад. Ҳангоми норасоии моддаҳои ғизоӣ растанӣ аз сабзиш боз монда, самарҳо шаклашонро гум мекунанд ва ҳосилнокии растаниҳо кам мешавад. Касалиҳои физиологӣ бештар дар шароитҳои нодурусти инкишоф пайдо мешаванд.

БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj

## КАСАЛИҲОИ ВИРУСӢ

**Мозайка (қошинкорӣ).** Касалиҳои вирусӣ аксарият зироатҳоро нобуд месозанд. Усули табобати онҳо вуҷуд надорад. Сабабгори сирояткунии асосии вирус – ширинча, трипси тамоку, тортанаккана ва дигар ҳашаротҳо мебошад. Дар сурати пайдо шудани инфексия метавонад ба воситаи асбобҳо ё сару либос, даст, ки ба растаниҳои сирояткунанда алоқа дошта, гузаранд. Ин касалӣ помидор, қаламфур ва растаниҳои ангури сагаки ёбоиро нобуд месозад. Он дар ранги алои баргҳо ба назар мерасад. Қисмҳои сабзи торики барг ба сабзи равшан ҷой иваз мекунанд.

Мозайика (қошинкорӣ) бештар дар баргҳои ҷавон ба назар мерасад. Самарҳои касал ярачаҳои сиёҳчатоби шакли номуайянро пайдо мекунанд ва ё ранги қошинкориашон иваз шуда меистад.

Агар кишти барвақтар гузаронида шавад ва ҳангоми кишти бевақтии растаниҳо, инчунин кишти бекӯчати зироат гузаронида шавад, растаниҳои помидор камтар ба ин касал гирифтор мешаванд.




Касалиҳои помидор




Касалиҳо вирусии помидор



Мӯҳри пахта



Пӯсиши саракхо

## ҲАШАРОТИ ЗАРАРРАСОНИ ПОМИДОР

**Канаи тортанакмонанд.** Ҳавои хушку гарм боиси афзудани канаҳо мегардад. Канаҳои модина зимистонро дар анбӯҳи растаниҳои бегона мегузаронанд. Ҳангоми саршавии мавсим онҳо тухм гузошта, дар мавриди мусоид, дар муддати як ҳафта ба ҳашароти калон мубаддал мегарданд, ки асосан дар қабати поёнии барг ҷой мегиранд ва баргро бо тори тортанак мепечонад. Яке аз нишонаҳои аввалини сирояти канаҳо дар сафед шудани қисмҳои поёнии баргҳо ва баъд ранги хокистарӣ гирифтану нобуд шудани онҳост. Ба воситаи канаҳо зарар дидани растаниҳоро сари вақт муайян кардан хеле душвор аст, бинобар он мубориза низ бар зидди онҳо душвортар мегардад. Ҷои бо маводи химиявӣ пошидани растаниҳо низ мӯҳим аст. Зарур аст, ки ба бехи растаниҳо дорӯ пошид. Бар зидди ин ҳашарот истифодаи олтингӯгирди хокаи зард ва ё хокаи дар обҳалшавандаи олтингӯгирд афзалиятнок мебошад.

**Ширинча.** Ин ҳашаротҳо ширaи растаниҳоро мемаканд. Онҳоро метавон дар қабати поёнии баргҳо ва нуги навдаҳо пайдо кард. Ширинча паҳнкунандаи касалиҳои вирусӣ ба шумор меравад.

**Кирми тирамоҳӣ. (Озимая совка).** Кирми тирамоҳӣ ба ниҳолҳои дар қитъаи замин шинонидашуда зарари калон мерасонад. Онҳо пояи растаниҳоро дар радифи замин бурида, баргҳо ва гулҳои онро нобуд мекунад. Кирми тирамоҳӣ асосан шабона решаҳои помидорро мехояд. Рӯзона бошад, вай дар қабати болоии замин пинҳон мешавад.

**Кирми ғуза (Хлопковая совка).** Кирми ғуза дар дохили мева даромада ва онро хурда нобуд мекунад. Танҳо як дона кирми он метавонад то ба 22 меваи помидор зарар орад. Шапалакҳо шабона тухм мегузоранд, як модинаи он метавонад то 2000 тухм гузорад. Вобаста ба ҳарорати ҳаво кирмакҳо баъд аз 3-5 рӯз пайдо мегарданд. То ба дохили мева даромаданашон онҳо баргҳои нав пайда шударо хурда баъд дохили мева медароянд.

**Чораҳои мубориза бар зиди ҳашаротҳои зарарасони помидор.**

Бар зидди тортанакана, кирми тирамоҳӣ, кирми ғуза ва ширинчаҳо- истифода бурдани маҳлули 0,2%-заи Нурелл-Д, Децис, Би-58 новый ( 20 мл дар 10л об).

Бар зидди кирми тирамоҳӣ тайёр кардан ва пошидани приманка (дар 10 кг кунҷора 100 гр арсенати калий ва 0,3 л равғани пахта), онҳоро якҷоя карда, дар муддати 1-2 соат болояшро маҳкам буғ дода, баъд ба замин мепошанд.



Тортанакканаи помидор



Зарари кирми ғӯза ба помидор

## УСУЛҲОИ ХАЛҚИИ МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ КАСАЛИҲО ВА ҲАШАРОТИ ЗАРАРРАСОН

**Моеъи зидди фитофтороз.** Чун маводи зидди фитофтороз маҳлули хобонидашудаи сир низ шири туршшуда ва (маргансовка) перманганати калийро истифода бурдан лозим мебошад. Барои тайёр намудани ин маҳлул бояд 1,5 стакан сири резашударо ва 1,5 грамм перманганати калийро дар 10 литр об омехтаю ҳал намудан мақсаднок аст. Ин маҳлулро баъд аз 2 ҳафтаи шинонидани ниҳолҳо ба қитъаи замин истифода бурдан мумкин аст. Истифодаи минбаъда 5 маротиба дар ҳар 10 рӯз гузаронида мешавад, ки ҳатман натиҷаҳои хуб хоҳанд дод.

**Тарзи истифодабарии маҳлули сирдор (чеснок) бар зидди канаи тортанакмонанд ва ширинча.** Се сар сири резашударо бо 0,5 литр арақ (шароб) омехта карда, ба муддати 7 рӯз ба ҷои торик мегузорем. Баъди ин маҳлулро полидан лозим аст. 1-2 қошуқи ошхурии маҳлули тайёрро ба 1 литр об омехта, 1 қошуқи чойхурӣ собун ҳамроҳ карда, ба растаниҳо мепошанд.

**Хокистари тамоку бар зидди ширинча.** Барои тайёр кардани ин маҳлул 1 кг хокистари тамокуро гирифта ба 10 литр об ҳал мекунанд. Маҳлул бояд ду- се рӯз такшин шавад. Сипас, онро бо дока меполанд. Пеш аз ба растаниҳо пошидан маҳлулро бо 30 литр об ва каме собун (4 грамм ба 1 литр об) барои часпиш омехта мекунанд.

**Қаламфури сурхи тез бар зидди ҳашароти зараррасон.** Барои тайёр кардани ин маҳлул ба 0,5 литр арақ (шароб) 30 грамм қаламфури сурхи тези кӯфтаро якҷоя карда, ба муддати 1 рӯз нигоҳ медоранд. Пеш аз истифодабарӣ ба 1 литр об 1-2 қошуқча маҳлули тайёршударо бо 4-грамм собун ҳамроҳ карда ба замин пошидан лозим дониста мешавад.

БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj

## МУНДАРИҶА


саҳ.

Пешгуфтор … 3

Хусусиятҳои биологии помидор … 4

Навъҳои помидор … 4

Киштгардон … 6

Парвариши помидор … 6

Парвариш ва тайёр намудани ниҳоли помидор … 7

Тайёр намудани гармхона ва парник (парвардахона) … 7

Тайёр намудани тухмӣ барои кишт … 10

Кишти тухмӣ, парвариш ва нигоҳубини ниҳолҳо … 11

Тайёр намудани замин барои шинонидани ниҳоли помидор … 11

Тухмипарварии помидор … 12

Касалиҳои помидор … 13

Касалиҳои вирусӣ … 15

Ҳашароти зараррасони помидор … 16

Усулҳои халқии мубориза бар зидди касалиҳо ва ҳашаротҳои зарарррасон … 17



БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj